Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. телефон: +992(3422)23811 факс: +992(3422)25170; e-mail: tsulbp@rambler.ru)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиноснома ихтисоси илмӣ.** Муқаррароти диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, воҳидҳо ва ҳудудҳо; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ; 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти ҳар кишвар ва минтақаҳои он, аз сармоя ва раванди сармоягузорӣ вобаста мебошад, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд ва дар натиҷа беҳбудии ҷомеаро баланд мебардорад. Сармоягузориҳо дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахшии рушди иқтисодии минтақа нақши муҳим доранд. Сармоягузориҳо на танҳо воридоти иловагии молиявиро ба иқтисодиёти минтақа таъмин менамоянд, балки эҳтиёҷоти онро ба воситаҳои нави пешқадами истеҳсолот, таълими касбии коргарон, усулҳои меҳнат ва

истифодаи бехтари захираҳои истеҳсолӣ қонеъ мегардонад. Тавре аз таҳлилу таҳқиқҳо дида мешавад, сармоягузорӣ барои минтақаҳои кишвар омили калидии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дониста мешавад. Мубармияти таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки таҳқиқот бар асоси назарот ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ омода карда шудааст. Ҳамзамон, ҳолати воқеии сармоягузориҳо дар НТҶ бар асоси маълумотҳои оморӣ коркад ва мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии таҳқиқот дар асоснокнамоии масъалаҳои назариявии шаклгирии такмили густариши сармоягузории минтақа ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа арзёбӣ мегарданд.

Натиҷаҳои нисбатан муҳиме, ки унсурҳои навгониро ташкил медиҳанд, аз муқаррароти илмии зерин иборат мебошанд:

- мафҳум, муҳтаво ва равишҳои асосии механизми дастгирии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ мухтасар баррасӣ шудаанд. Механизми сармоягузорӣ ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои сармоягузории минтақа арзёбӣ гардида, он инъикосгари захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ буда, василаи асосии рушди истеҳсолот маҳсуб меёбад. Самаранокии он аз имкониятҳои маблаггузорӣ ва истифодаи дороиҳои дарозмуддат вобаста мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот дараҷабандии назариявии механизми дастгирии сармоягузорӣ муайян гардида, нақши он ҳамчун шарти муҳими таъминкунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ асоснок шудааст. Исбот мегардад, ки рушди равандҳои сармоягузорӣ танҳо бо истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравии минтақа таъмин мегардад;

- шартҳои такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҳамчун фароянди муттаҳидсози фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибият ва имконоти сармоягузорӣ дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ муайян гардидаанд. Дар таҳқиқот роҳу усулҳои такмили ин механизм, шарту шароити татбиқи амалӣ ва идоракунии ҳамкориҳо ифшо шуда, зарурати истифодаи ҳадафноки барномаҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди минтақа асоснок карда шудааст, ки татбиқи оқилонаи онҳо ба рушди воқеии минтақа мусоидат менамояд;

- хусусиятҳои такмил ва тақвиятбахшандаи механизми дастгирии иқтисодӣ-иҷтимоии рушди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ дар асоси арзёбӣ ва таҳлили таъминнокӣ бо захираҳо, сатҳи босамарӣ ва шарту омилҳои афзоиши ҷараёни сармоягузориҳо муайян гардидаанд. Дар таҳқиқот собит шудааст, ки

арзёбии воқеии ҷолибияти сармоягузорӣ ба минтақа дар доираи такмили механизми давлатии дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ таъмин гардида, нақши омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ҷуғрофӣ асоснок карда шудааст;

- ташаккул ва татбиқи шароити созгор барои истифодаи механизми дастгирии сармоягузорӣ ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкорӣ асоснок гардидаанд. Дар таҳқиқот равишҳои дастгирии сармоягузорӣ муайян шудаанд, ки татбиқи онҳо ба роҳандозии чораҳои самараноки ҳавасмандсозӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ба НТҶ мусоидат менамояд;

- собит гардидааст, ки самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузорӣ аз коркарди низоми чораҳои мушаххаси дастгирии унвонӣ бо назардошти дурнамои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва мукаммалсозии сиёсати сармоягузории минтақавӣ иборатанд. Ҳамзамон зарурати такмили танзими давлатӣ дар доираи механизми буҷетӣ-андозӣ ва чораҳои дастгирӣ ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории минтақа асоснок гардида, такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади таҳрики равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва таъмини рушди устувори минтақа пешниҳод шудааст;

- муносибат ва равишҳо ҷиҳати ташаккул ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди минтақа дар асоси таъсиси низоми ягонаи мониторинги рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ таҳия гардидаанд. Низом имкон медиҳад, ки раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди минтақа сариваќт арзёбӣ шуда, шароити ташкилӣ-иқтисодии рушди устувор бо истифодаи оқилонаи иқтидорҳои мавҷуда дақиқ гарданд. Дар таҳқиқот механизмҳои такмили давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ, низоми идоракунии он ва таркиби захиравии минтақа асоснок шудаанд. Ҳамчунин, нишон дода шудааст, ки таъсиси низоми муттаҳидсозандаи захираҳои молиявӣ метавонад омили муҳими баландбардории рақобатпазирии минтақа гардад.

Дар умум пешниҳодҳои муаллиф, дорои хислатҳои мусбиангез мебошанд ва аз аҳамияти илмӣ-амалӣ бархурдор мебошанд, бинобар ин, дар амал татбиқнамоии онҳо чӣ аз ҷониби мақомот ва ниҳодҳои давлатӣ ва чӣ аз ҷониби соҳибкорон метавонад дар ҷалби сармоя ба минтақа муосидат намояд. Пешниҳодҳои муаллиф барои тавсеа ва ранқаи НТҶ аҳамияти калидӣ доранд, муаллиф пешниҳодҳои ироъанамудаашро бар асоси омӯзиши ҳолати аслӣ, имконоти минтақа, қобилият ва иқтидории навоҳии мансуб ба минтақа пешкаш намудааст.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Сафарзода С.С., дорои мушахассоти илмӣ ва назарароти нав мебошанд, аз ин

хотир ба талаботи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд. Ин пешниҳодҳо, метавонанд дар такмилу таҷдиди раванди сармоягузорӣ дар НТҶ мусоидат намоянд, иловатан пешниҳодҳои карда шуда имкон доран то дар таҳияи барномаҳои таъминкунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ созогорӣ намоянд.

**Асоснокӣ ва этимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои аз ҷониби Сафарзода С.С., пешниҳодшуда бар асоси гузаронидани таҷрибаҳо, амиқии иттилоот, ҳаҷми кифоякунандаи маводҳои таҳқиқотӣ, коркарду тасвиби омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамзамон, масъалаҳои мубрам ҷиҳати инкишофи дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, аз ҷумла НТҶ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бо такя ба натиҷаҳои бадастовардашуда асоснокнамоии назария, методология ва амалияи масъалаҳои мансуб ба сармоягузории минтақа ва дар ин замина таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд. Эътимоднокии онҳо пеш аз ҳама аз истифодаи маҷмӯи бойи манбаъҳои иттилоотӣ, санадҳои расмии давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва маводи таҳқиқотии олимону муассисаҳои илмӣ бармеояд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, гурӯҳбандии индикаторҳо, усулҳои таҳлили сохторӣ ва коркарди динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодию иҷтимоӣ истифода кардааст, ки боиси асоснокии баланди хулосаҳои илмӣ гардидааст.

Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси маълумоти омории солҳои охир, таҳлили вазъи воқеии иҷтимоию иқтисодии ноҳияи НТҶ, таҳқиқи омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии сиёсати сармоягузорӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти татбиқи сиёсати сармоягузории минтақавӣ ҳосил гардидаанд.

Тавсияҳои пешниҳодгардида, аз ҷумла, роҳҳои тавсеабахшии раванди сармоягузорӣ, усулҳои густариши фаъоляти шарикӣ байни давла, сармоягузорони инфиродӣ мушаххас карда шудаанд, тавсияҳои пешниҳодшуда дар баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатӣ, сиёсати сармоягузории минтақа, такмили механизмҳои давлатии густаришдиҳандаи ин раванд мусоидат менамоянд. Далелнокии таҳлили муаллиф имконият медиҳад, ки самтҳои пешниҳодшуда ҳамчун тадбирҳои амалии баландэътимод арзёбӣ шаванд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 205 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 13 расм, 21 ҷадвал ва 1 диаграмма мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 235 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла асарҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои илмӣ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, фарзия ва навоварии пажӯҳиш бо пайдарпаии мантиқӣ ва асоснокии илмӣ баён намудааast. Муаллиф зарурият ва аҳамияти сармоягузориҳоро ҷиҳати таъмини суботи иқтисодӣ, беҳдошти вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ ба таври комилан мушаххас баён доштааст.

**Боби аввали диисертатсия «Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати миллии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва механизми дастгирии сармоягузории он»** фарогири масъалаҳои назариявии шаклдиҳии сиёсати миллии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва механизми дастгирикунандаи раванди сармоягузориҳо буда, дорои сохтори мантиқӣ ва мазмуни баланди илмӣ мебошад. Фасли мазкур аз се зербоби муҳиму пайдарпай иборат буда, масъалаҳои калидии сиёсати сармоягузорӣ ва механизмҳои ташаккули онро дар шароити муосир фаро мегирад.

Дар зебоби 1.1 «Ҷанбаҳои назариявии шаклгирӣ ва дастгирии давлатии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа», муаллиф иброз доштааст, ки бо мақсади таъсиси шароити созгор барои ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ, чораҳо ҷиҳати беҳдошти ҷараёни сармоягузорӣ барои равнақи бахши воқеии иқтисоди миллӣ роҳандозӣ шуда, як қатор санадаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баҳри тақвиятбахшии муҳимтарин вазифаҳо баҳри тақвиятдиҳии иқтисоди миллӣ ва махсусан бахшҳои афзалияти аввалия дошта, татбиқ гардидаанд. Дар баробари фаъолшавии фаъолияти сармоягузорӣ, барои ба кор андохтани модели рушд, афзоишдиҳии сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) амри зарурӣ дониста мешавад (с-20).

Ба андешаи муаллиф, ҷолибияти сармоягузории минтақа ва арзёбии нуқтаҳои муҳими он, метавонад дар таҳлили раванди сармоягузории минтақа зарур маҳсуб ёбад ва фарогири маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташкилий-ҳуқуқӣ ва ҷуғрофие бошад, ки дар афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ ва мутаносибан дар ҷалби бештари сармоя ба минтақа нақши мусбӣ дошта бошанд (с. 36).

Тибқи назароти муаллиф, дар замони имрӯза равнақи динамикии дилхоҳ иқтисод бо назардошти пешсафии равандҳои сармоягузорӣ таъмин карда мешавад, аз ин хотир стратегияи ҳукуматҳо дар самти вусъатбахшии иқтидори сармоягузориҳо, андешидани чораҳои дар воқеъ таъсиррасонро барои ҷалби

сармоягузориҳо тахмин менамояд, зеро дар ҳоли ҳозир, суръатбахши ва самаранокии таҳаввулоти умумии сохтории иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар таъмини рақобатпазирии минтақа  асари мусбӣ хоҳанд расонид (с-40).

Вобаста ба сатҳи истифоданамоии ҷаззобияти сармоягузориҳо, муаллиф қайд менамояд, ки ҳамчун равобит байни намояи фаъолнокии сармоягузорӣ ба намояи ҷаззобияти сармоягузорӣ муайян карда мешаванд, дар манотиқи Ҷумҳурии  Тоҷикистон бар се тақсиманд: бо дараҷаи баланд, миёна ва басти истифодаи ҷолибияти сармоягузорӣ. Ба теъдоди манотиқе, ки дар сатҳи пурра ҷолибияти худро истифода менамоянд, дохил мешаванд; ВМКБ, НТҶ ва дигар минтақаҳои дорои инфрасохтори рушдёфта, иқтидори зеҳнӣ, соҳаҳои  дорои технологияи муосири тавлидӣ. Манотиқи зер, ба монанди Суғду Хатлон сатҳи баланди ҷолибияти худро ба таври густруда истифода менамоянд.

Дар доираи омӯзиши таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузории равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, муаллиф қайд намудааст, ки баҳри ташккул ва эҷоди фазои комил барои сармоягузорҳои хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, истифода аз таҷриба ва махсусиятҳои сиёсатҳои сармоягузории кишварҳои мухталиф мувофиқи мақсад мебошад, аммо ба андешаи мо ин раванд бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки хилофи ҳадафҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ набошад ва мубрамтар аз ҳама барои беҳдошти вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар таҳдидовар набошад (с. 74).

**Боби дуюм ба таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди сармоягузории иқтисодӣ-иҷтимоии ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бахшида шудааст.**

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки ҷолибияти минтақа дар арзёбии фазои сармоягузорӣ муҳимтарин нақшро доро мебошад, ҷолибияти сармоягузорӣ ҳангоми таҳлилнамоии раванди сармоягузорӣ дар минтақа истифода гардида, он доираи зерир омилҳоро дар бар мегирад; омилҳои сиёсӣ; омилҳои иқтисодӣ-ичтимоӣ ва молиявӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва ҷуғрофӣ. Ин омилҳо дар қалби сармоя ва сармоягузорон ба минтақа муҳим ба шумор меравaнд. Аммо барои он, ки ин раванд амалӣ гардад, бояд  микдори зиёди иттилоот дар мавриди таърихи қарзии минтақа, сатҳи равнақу ривоҷи он, пойгоҳ қонунгузории мавҷуда ва дигар аломатҳои гайрирасмии зарурӣ пурра коркард карда шаванд (с.78).

Ба андешаи муаллиф, бо назардошти таҳлили хусусиятҳои ҳар як минтақа, захираҳои табиӣ-инсонӣ, иқлим ва шароити ҷойгиршавӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои мухталифи сармоягузорӣ бояд ба таври зарурӣ фаъол гардонида шавад. Аз ин рӯ, Ҳукумати кишвар бояд ба таври ҳатмӣ, равишҳои арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияро дар мақомоти давлатии минтақавӣ,

шаҳраку навоҳӣ вобаста ба нақши онҳо дар бунёди фазои созгор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фаъолнамоии сармоягузории хусусӣ ҷорӣ намояд (с.80).

Тибқи назароти муаллиф, дар шароити муосир ба ташаккули сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавӣ бояд аҳамияти бештар дод. Сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ афзалиятноктарин самти сиёсати минтақавии давлат ба шумор рафта, зери он самти фаъолияти давлат ва ҷомеаро барои таъмини равнақи минтақавии кишвар, инчунин маҷмӯи усул ва механизмҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳо тавассути равишҳои сиёсӣ бар асоси таҳлили иқтисодӣ-иҷтимоӣ бояд дарк намуд. Равнақи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҳам ҷудо нестанд, ҳамзамон, равнақи иқтисодӣ ба унвони шароит ва омили расидан ба ҳадафҳои равнақ баромад менамояд (с. 101).

Муаллиф дуруст, қайд намудааст, ки масъалаи номувозинатӣ дар тақсимоти сармоягузориҳо байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар кишвар мушоҳида карда мешавад, аммо бояд иброз дошт, ки чунин вазъ на танҳо хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Яке аз сабабҳои ингуна номувозинатӣ, заифии сиёсати минтақавӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва қабл аз ҳама дар самти нақлиётӣ, инфрасохтори бозорӣ, суғуртанамоӣ, гарав, кафолати амнияти сармоягузориҳо ва сармоягузорон, таъмини сармоягузорони хориҷӣ бо иттилооти зарурӣ дар бораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. (с.118).

**Дар боби сеюм самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сисёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.**

Муаллиф иброз менамояд, ки татбиқи сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асл тавассути мақомоти ноҳиявӣ ва вилоятӣ амалӣ карда мешавад. Ҳадафи аслии сиёсати минтақавӣ такмил ва беҳдоштнамоии фаъолияти ҳама мақомоту сохторҳо ҷиҳати беҳсозӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо, тавсеаи иқтисод, ташаккули сиёсати минтақавӣ, ихтисор ва дар сатҳи паст қарор додани сатҳи бекорӣ маҳсуд меёбад. Аммо, ҳадафи асосиии сиёсати сармоягузории ҷумҳурӣ дар мувоизннамоии ҳаҷми сармоягузориҳо ба ҳар як минтақа бо мақсади бартарафнамоии мушкилоти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад (с. 126).

Қайд гардидааст, ки барои таъмин намудани рушди иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ яке аз воситаи асосии таъсиррасонии далаватӣ ин механизмҳои сиёсати буҷетӣ-андозӣ мебошанд. Яъне, хислати таҳрикдиҳандаи механизми зикршуда, имкон дорад дар бунёди ҷойҳои нави корӣ ва бо кор таъмин намудани шахсони муваққатан бекор, фаъолсозии ангезаҳои аҳолӣ барои машғул шудан бо навъҳои мухталифи фаъолияти соҳибкорӣ боис гардад ва бо ин роҳ қисмати даромади буҷетро вусъат бахшанд. (с. 146).

Дар доираи таҳқиқи т**акмили механизми давлатии танзими давлатии фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақаро** муаллиф менамояд, ки ҳар як кишвар ва махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми татбиқи сиёсати сармоягузориҳо, ташаккул ва шаклдиҳии фазои мусоиду созгори сармоягузорӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз дар натиҷаи эҷоди як фазои созгор метавон ҷалби сармоя ва захираҳои сармоявиро ба соҳаҳо ва корхонаҳои дар минтақаҳои мухталифи кишвар фаъолияткунанда сафарбар намуд. Ба андешаи муаллиф, дар минатқаҳое, ки бартариҳои рақобатӣ мушоҳида намегардад, ҷалби сармояи бузург шарт нест. Ин минтақаҳо бояд таваҷҷуҳи худро ба корхонаҳои дар минтақа фаъолиятдошта сафарбар намоянд ва инчунин баҳри густариши минтақа рушду равнақи соҳибкории хурду миёнаро дар вобастагӣ аз имконоти мавҷуда тавсеа диҳанд (с. 156).

Зикр гардидааст, ки ҷиҳати таъмини мувозинат барои ҳама субъектҳои фаъолияти сармоягузориҳо, пешниҳоди чораҳои якранга ва дастгирии баробари ҳама минтақаҳо зарур арзёбӣ мегардад. Чораҳо дар самти андозбандиҳоро на танҳо ба ташкилотҳои ҷалбкунандаи сармоягузориҳо, балки сармоягузорони онҳо низ ироъа намудан мувофиқи мақсад ҳисобида шудааст.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқот ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба татбиқи такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҷаҳати дар амалияи хоҷагидорӣ истифоданамои пешниҳод гардидаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Сафарзода С.С., дорои аҳаммияти назарраси илмӣ мебошанд. Бар ин асно, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшударо метавон дар раванди пешбурди сиёсати сармоягузорӣ истифода намуд. Натиҷаҳо ва кашфиётҳои дар таҳқиқот дарҷгардида бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, иқтидор ва имконоти ҳар як ноҳия ва рустои НТҶ омода карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф, хусусиятҳои хос, урфу одат ва захираҳои дар маҳалҳои минтақа вуҷуддоштаро ба инобат гирифта, роҳҳо ва усулҳои рушди минтақаҳоро дар аҳодидагӣ коркар ва пешкаш намудааст. Аз ин хотир, боэътимоди зиёд метавон гуфт, ки натиҷаҳои дар таҳқиқот мушаххас гардида ҳам барои мақомот ва сохторҳои дахлдорӣ минтақавӣ ва ҳам барои соҳибкорони дар минтақа фаъолиятдошта қобили қабул мебошанд.

Аҳамияти амалӣ ва истифодаи корӣ доштани натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои муаллиф ба эҳтиёҷоти воқеии мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои минтақа, сохторҳои идоракунии ин минтақаҳо, мақомоти маҳаллӣ ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои таҳлилӣ ва роҳҳои пешниҳодгардида барои такмили раванди сармоягузорӣ, беҳбудбахшии ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоӣ,

коҳиши номувозинатӣ дар рушди ноҳияҳо, такмили механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва беҳсозии муҳити сармоягузорӣ метавонанд дар амалия ҳамчун асос мавриди истифода қарор дода шаванд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 5 мақолаи дар маҷаллаю нашрияҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия чопшуда инъикос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 3,0 ҷузъи чопиро ташкил мекунад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид ба талаботи амалкунандаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи тасдиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», инчунин ба қоидаҳои барасмиятдарории Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ мебошад. Сохтор, ҳаҷм, тартиби пешниҳоди натиҷаҳои илмӣ, тарзи истинод ба манбаъҳо, пешниҳоди рӯйхати адабиёт ва китобшиносӣ, истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо, инчунин талаботи техникӣ ва услубии расмонагирӣ риоя гардидаанд. Мундариҷаи диссертатсия ба таври мантиқӣ сохтманд буда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, гипотеза, навоварии илмӣ, асоснокии методологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бамаврид ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии тадқиқоти илмӣ ифода ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муқаррargардидаи КОА таҳия гардида, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро пурра инъикос мекунад. Ҳамаи қисматҳои диссертатсия ва автореферат бо меъёрҳои умумии расмият, академизм ва стандартҳои илмии ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқ мебошанд.

Новобаста аз он, ки таҳқиқоти роҳандозишуда тибқи талаботҳои муқаррargардида коркард карда шудааст, ва аз сатҳи баланди коркарди назариявӣ ва таҳлилии диссертатсия иброт мебоашд, дар таҳқиқот як қатор мавридҳо ҷой доранд, ки бартарафнамоии онҳо натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам мукаммалтар мегардонад.

1. Бояд қисмати назариявии мансуб ба боби аввали таҳқиқот пурратар карда шавад, хубтар мешуд, агар дар ин фасли рисола назароти олимони ватанӣ бештар дарҷ мегардиданд:

2. Муҳтаво ва моҳияти мафҳумҳои дар диссертатсия овардашуда (махсусан дар зербобҳои 1.1 ва 1.2.) бояд ба таври комилу возеҳ шарҳу тафсир дода шаванд, иловатан бояд андешаҳои худи муаллиф низ пурмазмун ва равшантар баён карда шаванд;

3. Ҷадвалҳои дар зербоби 2.1 ва 2.2. овардашуда, бе пешниҳоди сарчашмаи оморӣ оварда шудаанд. Хуб мешуд агар муаллиф дар ҷадвали дар боби 2 дарҷгардида, сарчашмаи омориро низ нишон медод;

4. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи хуб татбиқ карда шудааст, таҳлилҳо ва андешаҳои назариявӣ тибқи талабот мавриди коркард, бозомӯзӣ ва пешниҳод қарор дода шудаанд, аммо хулосаи зербобҳо равшанбаёнӣ, тавзеҳоти васеътар ва таҷдиди назарро тақозо менамояд;

5. Руйхати адабиёт ва хулосаҳои умумии натиҷаҳои таҳқиқотро бояд пурратар намуд, рӯйхати адабиётро бояд бар асоси талаботи муқарраргардида омода намуд.

Эродҳои дарҷгардида, хусусияти тавсиявӣ ва дақиқсозӣ дошта, баҳри боз ҳам ҷолибтарнамоии таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд, ин эродҳо арзиши методологӣ ва сатҳу сифати баланди таҳқиқоти илмиро коста намегардонанд.

Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар шароити имрӯза аҳамияти бештарро касб намуда, мубрамияти қобили таваҷҷӯҳи илмӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқоти Сафарзода Сафармад Саид ба масъалаи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли НТҶ)» нигаронида шудааст. Мавзуи таҳқиқот мувофиқ ба ҲРУ ва талаботи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 омода карда шуда, баҳри бо барномаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсати сармоягузории кишвар ҳамрот дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ниҳоят мубрам арзёбӣ мегарданд. Бинобар ин, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти фарҷомшуда аз ҷониби сохторҳо ва мақомотҳои дахлдори минтақавӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа» (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.и., досент, муовини якуми
директори Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Муртазозода Ораз

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89.
Тел.: (+992) 918 55 2009,
E.mail: oraz-2009@mail.ru

«02» феврали соли 2026

*Имзои Муртазозода О.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳои
Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исроилова Сайёра

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89.
Тел: (992 37) 2-21-11-00.
Факс: (+992 37)2-21-11-00,
E-mail: info@mts.tj
«02» феврали соли 2026